# ТАҚРИЗ

## ба автореферати диссертатсияи Муродзода Бахтиёр Сайалӣ дар мавзуи «Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01.00 - Адабиётшиносӣ, (10.01.01-Адабиёти тоҷик)

Дар даврони истиқлоли миллӣ масъалаи таҳқиқу баррасиии зиндагинома ва мероси адабии Мирзо Абдулқодири Бедил дар Тоҷикистон тамоюлҳои тоза касб намуд, ки ин пеш аз ҳама ба вусъат гирифтани интишори мероси адабии шоир, зуҳури равандҳои пешқадам дар маърифати адабиёт ва амсоли ин ба шумор меравад. Ҳарчанд сарғози мактаби бедилшиносии тоҷик ба нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX муқаррар гардидааст ва то кунун аз ҷараёнҳои мухталиф бархурдор шуда меояд, вале то кунун дар сатҳи як рисолаи алоҳидаи илмӣ маҷмуи корномаҳои дар ин ҷода анҷомдода муҳаққиқон ба риштаи таҳқиқ кашида нашуда буд. Диссертатсияи номзадии **Муродзода Бахтиёр Сайалӣ дар мавзуи «Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон»**, аз ҷумлаи корҳои пажуҳишии нахустин ба шумор меравад, ки ба сурати алоҳида меҳварҳои аслии таҳқиқотии онро баррасии ҳамин масъала ва тамоюлҳои он ба вуҷуд овардаанд. Вежагии муҳим ва барҷастаи илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки диссертант се марҳилаи аслии бедилшиносиро муқаррар ва ҳар якеро ба сурати ҷудогона ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Марҳилаи аввал ба замони зуҳури мактаби пайравони Бедил дар адабиёти Фароруди нимаи дувуми асри XIX ва аввали XX пайванд мегирад, ки асосан ба сурати шарҳнависӣ арзи ҳастӣ намуда, баъдан заминаҳоро ҷиҳати эҷоди осори мустақили пажуҳишӣ фароҳам овардааст. Дар ин росто, шарҳҳои Аҳмади Дониш, Зуфархон Ҷавҳарӣ ҳамчун намунаҳои шинохт ва маърифати ашъори Бедил муаррифӣ гардида, баъдан ба таҳқиқоти устод Айнӣ, Абдурауфи Фитрат, Холиқ Мирзозода Холида Айнӣ, Субҳон Амирқулов ва дигарон ишорат шудааст. Солҳои 70-ум то навадуми асри XX давраи дувум ва баъдан замони истиқлоли миллӣ чун марҳилаи нави мактаби бедилшиносии тоҷик дар доираи баррасиҳои илмии диссертант қарор гирифтаанд.

Мутолеаи автореферати диссертатсия муқаррар мекунад, ки муаллифи он асосан се тамоюли муҳими бедилшиносӣ - омӯзиши вазъи замони рӯзгор ва зиндагиномаи Бедил, мавзуъу мундариҷа ва хусусиятҳои сабкӣ, таъсири шоир ба суханварони Мовароуннаҳр ва нақду баррасии ин масъала дар бедилшиносии тоҷикро дар меҳвари пажуҳишҳои хеш қарор дода, дидгоҳҳои муаллифони осори ба ин мавзуъ таълифшударо нақду баррасӣ кардааст. Аз таҳқиқи анҷомёфта равшан мегардад, ки ҳарчанд бедилшиносӣ дар Тоҷикистон як давраи бештар аз садсолаи таърихиро фаро мегирад, аммо таваҷҷуҳ ба таҳқиқи муҳити

адабӣ ва зиндагиномаи ӯ бештар аз мақолаи Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва Абдусалом Деҳотӣ оғоз ёфта, дар асари муҳташами устод Айнӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" хеле такмил ва баъдан дар китоби "Зистномаи Бедил"-и Устод Бобобек Раҳимӣ тафсилоти комил ҳосил намудааст, зеро дар ин китоб тамомии рӯзгори шоир бар асоси манобеи муҳими адабӣ, дар навбати аввал осори насрии худ суханвар, маълумоти тазкираву таърихнома ва осори пажӯҳишӣ ба қалам омадааст.

Ҳамин усули баррасии таҳқиқоти бедилшиносӣ дар Тоҷикистон дар ду боби дигари диссертатсия дар иртибот ба вежагиҳои мавзуӣ ва сабки иншо, инчунин таъсири Бедил ба суханварони Моваруннаҳр дар нақду баррасии пажуҳишгарони ин масъала дар кишвар идома ёфтааст. Махсусан, таъсирпазирии шоирони ҳавзаи Фароруди нимаи дувуми асри XIX аз ҷумлаи масъалаҳои муҳиму мубрамест, ки дар баробари ба бунёди мактаби бедилшиносии тоҷик таъсиргузор будан, самти муҳими таҳқиқоти бедилпажуҳони кишварро ташкил додааст, ки дар диссертатсия роҷеъ ба корномаҳои илмии устод Садриддин Айнӣ дар "Намунаи адабиёти тоҷик" ва асари "Мирзо Абдулқодири Бедил", . А. Пӯлодов ва А. Раҳмонов роҷеъ ба нақду баррасии ин масъала аз дидгоҳи устод Айнӣ оид ба таъсирпазирӣ ва истиқболи Нақибхон Туғрал изҳори назар шудааст.

Дар умум, аз автореферати диссертатсия равшан мегардад, ки он як таҳқиқоти тоза дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад, ки масъалаи бедилшиносӣ дар Тоҷикистонро дар доираи як рисолаи мустақил ба баҳсу баррасӣ кашида, муҳимтарин тамоюлҳои онро муқаррар кардааст.

Дар канори чунин дастовардҳо аз рӯи мутолеаи автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки дар он бархе камбудиву норасоиҳо низ ҷой доранд ва бартараф намудани онҳо аҳамият ва арзиши илмии корро боз ҳам афзун мегардонад:

1. Ҳарчанд дар бахши нуктаҳои меҳварии таҳқиқот аз Холиқ Мирзозода ва саҳми ӯ дар бедилшиносӣ ёдовар мешавад, вале дар қисмати дараҷаи омӯхташавии мавзуъ зикри номи ин муҳаққиқи номии тоҷик нарафтааст. Ҳол он ки ба қалами ин донишманди маъруф китобе таҳти унвони "Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX)" тааллуқ дорад, ки соли 1950 ба нашр расида, дар он муҳити зиндагӣ ва шарҳи ҳоли Мирзо Абдулқодири Бедил бар асоси "Чаҳор унсур", "Руқаот" ва чанд манбаи муҳими дигар шарҳу тафсир ёфтааст. Таваҷҷуҳ ба маводи ин асар барои баррасиҳои боби аввали диссертатсия низ муҳиманд. Ҳамин тавр, ҳарчанд дар феҳристи адабиёти диссертатсия исми Бахтиёри Ҳамдам ва китоби ӯ "Савмааи маърифат" мавҷуд мебошад, вале дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ба муҳтаво ва мундариҷаи он таваҷҷуҳ нашудааст. Ин дар ҳолест, ки мавзуи меҳварии ин рисола таъсирпазирии шоирони моваруннаҳрии нимаи дувуми асри

нуздаҳ аз Бедили Деҳлавӣ буда, нақду баррасии китоби мазкур дар боби савуми диссертатсия хеле муҳим ба назар мерасад.

2. Аз автореферати диссертатсия номи асари тазкирамонанди Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва Абдусалом Деҳотӣ ба сурати “Намунаи адабиёти тоҷик” омадааст. Ҳарчанд дар феҳристи адабиёти истифодашудаи диссертатсия шакли саҳеҳи унвони он “Намунаҳои адабиёти тоҷик” ба чашм мерасанд.

Қайду эродҳои баёншуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Дар умум, аз муҳтавои автореферати диссертатсияи **Муродзода Бахтиёр Сайалӣ дар мавзуи «Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон»**, ин нукта маълум мешавад, ки он ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01.00 - Адабиётшиносӣ, (10.01.01-Адабиёти тоҷик) мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессор, директори институти илмӣ-
тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Нуров Нуралӣ Норович

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, Хуррамшаҳр 38
Тел: 992 928763797 E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ, профессор
Нуров Нуралиро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус З. Саъдуллозода
Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 90040202 E-mail: n.ehson@mail.ru
02.05.2025